*Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA- 004*
*назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
*(734025, ш. Душанбе, маҳалаи Буни*
*Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён.*
*бинои таълимии №8, синф. 102)*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Муҳаммадзода Ҷомӣ Абдураҳмон дар мавзуи « Рушди механизми ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об (дар заминаи маводҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2 - Иқтисодиёт ( 5.2.21 - Иқтисодиёти ҷаҳонӣ) пешниҳод шудааст.**

Автореферати пешниҳодшудаи Муҳаммадзода Ҷомӣ Абдураҳмон ба масъалаи муҳимми назариявӣ ва амалии иқтисодиёти ҷаҳонӣ - ташаккул ва рушди механизми ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи истифода ва идоракунии захираҳои оби фаромарзӣ бахшида шудааст. Дар шароити ҷаҳонишавии муносибатҳои иқтисодӣ, шиддатёбии мушкилоти экологӣ ва афзоиши вобастагии мутақобилаи давлатҳо, масъалаи ҳамгироии захираҳои табиӣ, аз ҷумла захираҳои об, дорои аҳаммияти стратегӣ мебошад.

Муаллиф дуруст таъкид менамояд, ки дар минтақаи Осиёи Марказӣ захираҳои об дорои хусусияти фаромарзӣ буда, истифодаи онҳо берун аз доираи механизмҳои ҳамоҳангшудаи байнидавлатӣ ба ихтилофоти иқтисодӣ, экологӣ ва геосиёсӣ оварда мерасонад. Тағйирёбии иқлим, камшавии пиряхҳо, афзоиши аҳолӣ ва талабот ба неруи барқ масъалаи амнияти обию энергетикиро ба яке аз унсурҳои муҳимми амнияти миллӣ ва минтақавӣ табдил додааст.

Аз ин рӯ, таҳқиқи заминаҳои назариявӣ ва институтсионалии ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об аз нуқтаи назари иқтисодиёти ҷаҳонӣ дорои аҳаммияти илмӣ мебошад. Мавзуи интихобшуда ба бандҳои шиноснома ихтисоси 5.2.21 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ, аз ҷумла масъалаҳои ҳамгироии

минтақавӣ, вобастагии байналмилалии иқтисодӣ ва проблемаҳои глобалии экологӣ мутобиқат менамояд.

Дар автореферат дараҷаи таҳияи масъала дар асоси таҳлили корҳои олимони ватанию хориҷӣ, гузоришҳои СММ, Бонки Ҷаҳонӣ ва дигар ниҳодҳои байналмилалӣ баррасӣ гардидааст. Муаллиф равишҳои системавӣ, институтсионалӣ ва муқоисавиро истифода намуда, механизми ҳамкории минтақавиро ҳамчун маҷмӯи унсурҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ ва иттилоотӣ таҳлил мекунад. Методологияи таҳқиқот ба принсипҳои таҳлили иқтисодӣ, муқоисаи байналмилалӣ, моделсозии консептуалӣ ва умумисозии мантиқӣ такя мекунад. Ин имкон додааст, ки масъала на танҳо аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ, балки ҳамчун падидаи иқтисодии фарогир баррасӣ гардад. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки механизми ҳамкории минтақавиро ҳамчун низоми бисёрсатҳаи миллӣ, минтақавӣ, байналмилалӣ шарҳ диҳад, ки ин равиш ба назарияи муосири ҳамгироии иқтисодӣ мувофиқат мекунад.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар ғанигардонии назарияи ҳамгироии минтақавӣ ва иқтисодиёти захираҳои табиӣ ифода меёбад. Муаллиф муносибати комплексиро ба масъалаи об ҳамчун омили рушди иқтисодӣ ва суботи геоиқтисодӣ пешниҳод менамояд. Аҳаммияти амалӣ дар имконияти истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот ҳангоми таҳияи стратегияҳои миллӣ ва минтақавӣ, такмили қонунгузории соҳаи об ва ташкили механизмҳои нави ҳамоҳангсозии байнидавлатӣ зоҳир мегардад.

Дар баробари муваффақиятҳо дар автореферат баъзе камбудиҳои ҷузъи низ ба чашм мерасанд:

1.Баъзе хулосаҳои назариявӣ хусусияти умумӣ доранд, ба фоидаи кор мешуд, ки саҳми мустақими муаллиф дар онҳо ба таври равшан ҷудо карда мешуд.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта, ва ба мазмуну мундариҷа, натиҷаи назариявӣ, методию амалии диссертатсия дар маҷмуъ автореферати диссертатсияи Муҳаммадзода Ҷомӣ Абдураҳмон таъсири назаррас намерасонанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Муҳаммадзода Ҷомӣ Абдураҳмон дар мавзуи «Рушди механизми ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об (дар заминаи маводҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ)» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, № 3) ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2 - Иқтисодиёт ( 5.2.21 - Иқтисодиёти ҷаҳонӣ) сазовор мебошад.

**Д.и.и., и.в.профессори кафедраи соҳибкорӣ ва иқтисодиёти соҳавии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон** **Одиназода К. С.**

Дурустии имзои д.и.и, и.в. профессор Одиназода К.С. - ро тасдиқ мекунам

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон** **Ҷураев Ш.Н.**

**Суроғаи муассиса:**734055,Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кучаи Борбад, 48/5,Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
**E-mail:** @iutet.tj Телефон: +992(37) 234-88-02, + 992(37) 234-88-24.

Сана 27.03.26